USAID | TAJIKISTAN
FROM THE AMERICAN PEOPLE

# ЛОИҲАИ USAID БАРОИ ДАРОЗ НАМУДАНИ ҲАЁТИ МАҲКУМШУДАГОНИ ГИРИФТОРИ БЕМОРИИ ВНМО КУМАК МЕКУНАД

***Боварӣ дорам, ки ҳаёт идома дорад ва ман зиндагӣ мекунам!***



Дар акс: Идимат баъди озодшудан

Дар доираи лоиҳаи мухолифат бар зидди ВНМО, ки аз ҷониби USAID маблағгузорӣ мегардад, ҳамаи маҳкумшудагони ду колонияи вилояти Хатлон оид ба пешгирии ВНМО омӯзиш гирифтанд. Илова бар омӯзишҳо, ба маҳкумшудагон хизматрасонии машварати ихтиёрии то-тестӣ ва ташхиси фаврии ВНМО пешниҳод гардид.

Идимат, мисли аксари маҳкумшудагони колонияи Ёвон дар омӯзиш оид ба ВНМО иштирок намуда тавонист. Пас аз омӯзиш, Идимат хоҳиш пайдо кард, то машварат гирифта, аз ташхиси фаврии ВНМО гузарад. Аз сабаби он, ки натиҷаи санҷиши фаврӣ мусбат шуд, ба Идимат пешниҳод карда шуд, то хунашро барои санҷиши амиқ аз нав супорад. Санҷиши такрорӣ низ гирифтори бемории ВНМО будани Идиматро тасдиқ кард.



Дар акс: Идимат (аз тарафи чап) ҳангоми машварат, ки аз ҷониби корманди ичтимоии лоиҳа пешкаш карда шудааст (аз тарафи рост)

Ҳангоми машваратҳои баъд аз санҷиш гузаронидашуда, Идимат хабари гирифтори ВНМО буданашро оромона қабул кард, зеро ӯ хуб дарк мекард, ки ин оқибати истифодаи маводи мухаддир пеш аз ҳабс шуданаш мебошад.

Якчанд моҳ пеш аз озод шуданаш, Идимат барои иштирок дар барномаи START Plus, ки ба маҳкумони озодшуда дар давраи гузариши пеш ва баъд аз озод шуданашон кӯмак мекунанд, розӣ шуд. Баъди озод шудан дар моҳи феврали соли 2016, ба Идимат барои бақайдгирӣ дар маркази ВНМО дар ҷойи истиқоматаш кӯмак карда шуд. Ба ӯ дарҳол табобати зиддиретровирусӣ муқаррар гардид.

"*Бо шарофати лоиҳа, ман дар бораи ВНМО иттилоот пайдо намудам. Вақте дар бораи сироят буданам бо ВНМО фаҳмидам, ҳаёт бароям тамом шуд. Аммо, бо дастгирӣ ва машваратҳои кормандони иҷтимоии лоиҳа, ман фаҳмидам, ки бо бемории ВНМО дуру дароз ва оромона ҳаёт бурдан мумкин аст, аз ин рӯ бемориямро оромона қабул кардам. Ҳоло ман табобати зарурирo гирифта истодаам ва боварӣ дорам, ки ҳаёт идома дорад ва ман зиндагӣ хоҳам кард!*» - навиштааст Идимат дар мактуби худ ба кормандони лоиҳа.

Дар айни замон, Идимат дар барномаи START Plus

иштирок дорад ва дастгирии кормандони соҳаи иҷтимоиро гирифта истодааст. Ба ӯ барои гирифтани табобати тиббии зарурӣ кумак расонида шуд. Ҳуқуқшиноси лоиҳа дар навиштани ариза барои гирифтани кӯмаки молиявии иҷтимоӣ оид ба бекорӣ маслиҳат дода, масъалаҳои пайдо кардани ҷойи корро бо ӯ муҳокима кард.

---

Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб – Тоҷикистон» иҷрокунандаи лоиҳаи "Мухолифат бар зидди ВНМО", ки бо дастгирии молиявии USAID дар вилояти Хатлон амалӣ карда мешавад, мебошад. Бо шарофати лоиҳаи мазкур, 927 маҳбуси ду колония аз санҷиши ВНМО ҳам пеш аз ва ҳам баъд аз озод шуданашон гузаштанд. Дар натиҷа, 10 нафаре, ки нав гирифтори бемории ВНМО шуданд, ошкор шуда, 29 нафари пештар бақайдгирифта тасдиқи гирифтори беморӣ буданашонро гирифтанд.